ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100–1,17
202_1_ йил "27" август

"ТАСДИҚЛАЙМАН"
Р.И.Халмурадов
________________
202__йил "___" ______

# ТОЖИК МУМТОЗ АДАБИЁТИ ТАРИХИ
**фанидан**
# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

**Самарқанд - 2021**

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул<br>HTCLFIL<br>(бакалавриат/<br>магистратура)</td><td>Соли хониши<br>20___-20___</td><td>Семестри 1-6</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>9</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="2">Забони таълим<br>Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Ҳаҷми соатҳои ҳафтаинаи дарс<br>4</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td>Машғулотҳои аудиторӣ (соат)</td><td>Таълими мустақил (соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ (соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Таърихи адабиёти мумтози тоҷик</td><td>90</td><td>180</td><td>270</td></tr>
<tr><td>2</td><td colspan="5">I. Мазмуни фан<br>Дастури таълимӣ аз фанни «Таърихи адабиёти мумтози тоҷик» барои донишҷӯёни дараҷаи бакалавр таҳия шуда дар он таърихи адабиёти тоҷик аз давраҳои қадим то давраи бедории миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дастур омӯзиши таърихи ташаккул, таҳаввул, давраҳои тараққиёт, хусусиятҳои ғоявӣ-бадеӣ, жанрӣ, робитаҳои адабӣ, ҳаёту эҷодиёт ва арзиши адабии осори симоҳои намоёни таърихи адабиётро дар назар дорад. «Таърихи адабиёти мумтози тоҷик» яке аз фанҳои ихтисосии факултетҳои филологияи тоҷики мактабҳои олию миёнаи махсус ҳисоб меёбад. Мақсади таълими ин фан ба донишҷӯён омӯзонидани заминаҳои пайдоиш, қонуниятҳои инкишофи афкори адабию бадеии халқи тоҷик, ошно намудани онҳо бо симоҳои намоёни адабӣ, баррасии алоқаю равобити адабии халқи тоҷик бо халқҳои дигар, таъйини шӯҳрати ҷаҳонӣ ва арзиши баланди маънавӣ – ахлоқии адабиёти мумтози тоҷик аст.<br>Мақсади фанни “Таърихи адабиёти мумтози тоҷик” ба мутахассисониояндаи забон ва адабиёти тоҷик дар бораи омӯхтани омилҳои пайдоиш, қонуниятҳои тараққиёти адабиёти мумтози тоҷик ва сабабҳои инкишофу инқирози он дар давраҳои гуногуни таърихӣ, симоҳои намоёни адабиёти мумтози тоҷикро ба донишҷӯён муаррифӣ кардан ва махсусиятҳои эҷодиёти онҳоро нишон додан; ҷараёнҳои адабиро вобаста ба фаъолияти эҷодии адибони давр баррасӣ намудан; сабкҳои адабӣ ва мактабу равияҳои адабиро бо тафсилоти муайян шарҳу тавзеҳ додан; малакаи таҳлил карда тавонистани матни бадеиро ба тарзи мустақилон дар шахси толибилм ташаккул додан; асосҳои илмии таҳлилу баррасии осори адабиёти мумтозро инкишоф додан; тавассути маводи арзишҳои умуминсонӣ доштаи адабӣ афкори баланди</td></tr>
</table>

маънавӣ–ахлоқии донишҷӯёнро ташаккул додан; вусъати худшиносии миллӣ ва худогоҳии таърихӣ дар шахсияти вай.

**Вазифаи асосии фан** пеш аз ҳама нигаронида шудааст ба ташаккули фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ ва завқу салиқаи эстетикии толибилм, вусъати малака ва маҳорати таҳлили асари бадеӣ, тавсеаи қобилияти шеърфаҳмию шеърдӯстӣ ва матншиносии толибилмон, шинос намудани донишҷӯ бо саҳфаҳои таърихии ғановатмандтарини мероси адабиии ниёгон, инкишофи тарзи тафаккур ва шуури эстетикӣ-бадеии вай, такмили маҳорат ва малакаи таҳлилкунӣ, дар ҳаёт ва дар амал татбиққунии мазмун ва моҳияти гуманистиву ҷанбаъҳои ахлоқӣ ва ҳикамии осори бадеии гузаштагон аст.

## II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ
## (машғулотҳои маърузавӣ)

### II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:

### Мавзӯи 1. Муқаддимаи фан. Маълумоти умумӣ дар бораи таърихи адабиёти мумтози тоҷик

Ҳангоми таълимӣ машғулоти назарӣ (маърӯзаҳо) талабагон бо хусусиятҳои асосӣ ва муҳими фанни таърихи адабиёти мумтози тоҷик шиносо мешаванд. Таърихи тадриҷии инкишофи адабиёти мумтози тоҷикро ҳис менамоянд. Фанни “Таърихи адабиёти мумтози тоҷик” ба мутахассисони ояндаи забон ва адабиёти тоҷик дар бораи омӯхтани омилҳои пайдоиш, қонуниятҳои тараққиёти адабиёти мумтози тоҷик ва сабабҳои инкишофу инқирози он дар давраҳои гуногуни таърихӣ маълумот додан; симоҳои намоёни адабиёти мумтози тоҷикро ба донишҷӯён муаррифӣ кардан ва махсусиятҳои эҷодиёти онҳоро нишон додан.

### Мавзӯи 2. Адабиёти шифоҳӣ ва намунаҳои он. Адабиёти хаттӣ ва давраҳои тараққиёти он.

Истиқлоли миллии Ўзбекистон ва зарурияти ба тарзи нав омӯхтани таърихи адабиёти тоҷик. Адабиёти давраи қадим ҳамчун маҳсули эҷоди бадеии мардуми эронинажод. Асотир, суруд, ривоят ва достонҳо ҳамчун намунаи қадимаи осори адабӣ. Асотири Митра ва Анаҳита, Каюмарс, Ҷамшед ва аҳамияти онҳо дар шароити истиқлолияти миллӣ. Ривоят ва достонҳо оиди Сиёвуш, Рустам, Тӯмариса, Шерак ва аҳамияти онҳо дар тарбияи ҳисси ватанпарварии ҷавонон. Маълумот дар бораи пайдоиши хат ва намудҳои он. Ёдгориҳои хаттӣ ба забонҳои қадима (авастоӣ,форсии қадим) ва миёнаи эронӣ (суғдӣ, паҳлавӣ, хоразмӣ). Аҳамияти таърихӣ, маданӣ ва адабии ёдгориҳои хаттӣ.

### Мавзӯи 3. Ақидаи зардуштӣ ва китоби «Авасто»

| | |
|---|---|
| | Таърихи пайдоиш ва густариши дини зардуштӣ. Маълумот дар бораи Зардушт ва асоси дугироии (дуализми) таълимоти ӯ. Ҷанбаи пурқуввати ахлоқии таълимоти зардуштӣ ва дар китоби «Авасто» ифодаёбии он. Маълумот дар бораи пайдоиш ва такомули «Авасто». Ватани «Авасто». Қисматҳои «Авасто». Аҳамияти таърихӣ ва адабии ин китоби муқаддаси динӣ. <br> **Мавзӯи 4. Адабиёти паҳлавии ашконӣ ва адабиёти давраи сосониён.** <br> Ҳаёти иҷтимоӣ ва мадании давраи Ашкониён. Болоравии ҳаёти адабӣ. Ёдгориҳои адабии давраи Ашкониён. Достонҳои «Дарахти ассурӣ» ва «Ёдгори Зарирон». Хусусиятҳои ғоявӣ ва жанрии ин асарҳо. Забони ин асарҳо ва дар давраи Сосониён таҳрир шудани онҳо. Таъсири ин асарҳо дар ташаккули достонҳои қаҳрамонӣ ва асарҳои тамсилӣ. Таърихи ба майдон омадан ва нашъунамо ёфтани давлати сосонӣ. Тараққиёти илму фан, санъат ва маданият. Борбад ва фаъолияти ромишгарии ӯ. Осори динӣ, дунявӣ ва панду ахлоқии давр. Тарҷимаи «Калила ва Димна». Хулосаҳои умумӣ аз адабиёти давраи қадим. <br> **Мавзӯи 5. Вазъи сиёсию ҷамъиятӣ дар аҳди истилои араб ва мубориза халқи тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ.** <br> Вазъияти таърихӣ дар Эрону Мовароуннаҳри асрхои УП-УШ. Ташкили давлати исломӣ дар нимҷазираи Араб. Истилои Эрону Мовароуннахр. Сиёсати нашри дини исломро пеш гирифтами арабхо дар кишвархои тасхиршуда. Муқобилияти мардуми маҳаллӣ. Оқибати бади истилои араб барои фарҳангу маданият. Нобуд карда шудани осори адабию мадании тоисломии эрониён ва тоҷикон. Ҳолати забон ва адабиёт дар давраи истило. Ташаккули адабиёти шуубӣ. Тарҷумаи осори пахлавӣ ва арабӣ. Вакилони ҷараёни адабии шуубия. Вазъи илм ва маданяту фарҳанг дар асрҳои IX-X. Истилои араб ва оқибатҳои он. Ҳолати забон ва адабиёт дар давраи истило. Ташкили давлатҳои Тоҳириён ва Саффориён. Ба саҳни таърих омадани сулолаи Сомониён ва бунёди давлати мутамаркази соҳибистиқлол. Аҳамияти ин давлат дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ, илмӣ ва маданӣ. Ривоҷи улуми динӣ ва вакилони он. Тараққиёти улуми дунявӣ. Ибни Сино ҳамчун олими машҳури ин давраи таърихӣ. Хулосаҳо оиди аҳамияти давлати соҳибистиқлол дар ривоҷи илму фан. <br> **Мавзӯи 6. Адабиёти тоҷик дар асрҳои IX-X.** <br> Оғози шеъри тоҷикии форсӣ. Абулянбағии Самарқандӣ ва Аббоси Марвазӣ - аввалин шоирони форсигӯӣ. Шоирони дигари давр. Ташаккули адабиёти мумтоз. Доираҳои адабии давр. Бухоро ҳамчун маркази асосии адабӣ. Марказҳои дигари адабӣ. Мавзӯъ ва ғояҳои асосии адабиёти асри X. Хусусиятҳои жанрии адабиёти асри X. Қасида ва намудҳои он. Маснависароӣ дар асри X. Вазъу ҳолати ғазал дар ин давр. Жанрҳои дигари шеърӣ. Масъалаи |

| | | |
|---|---|---|
| | | сабку услуб дар адабиёти асри X.<br>**Мавзӯи 7. Намояндагони адабиёти асри X.**<br>Шаҳиди Балхӣ. Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти адабии Шаҳиди Балхӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии осори то ба мо расидаи шоир. Маҳорати шоир дар тасвири ишқ. Зиндагӣ ва меъроси адабии Абӯшакури Балхӣ. Робияи Балхӣ ва мазмуну мундариҷаи ашъори ӯ. Зиндагӣ ва мероси адабии Абӯшакури Балхӣ. Мазмун ва мӯҳтавои эҷодиёти Абӯшакури Балхӣ. Ҳаёт ва эҷодиёти Робияи Балхӣ. Маҳорати шоира дар тасвири ишқ ва манзараҳои табиат. Абӯшакури Балхӣ ва «Офариннома»-и ӯ. Ҷараёни зиндагии Дақиқӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. Шоирони дигари давр. Ҳаёт ва фаолияти Дақиқӣ. Масъалаҳои баҳсноки адабиётшиносӣ оиди таъин намудани зодгоҳи Дақиқӣ. Мероси адабии Дақиқӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи меъроси адабии Дақиқӣ. Мазмун ва ғояи «Шоҳнома»-и Дақиқӣ. Сохти «Шоҳнома»-и Дақиқӣ. Омӯзиши ҷараёни зиндагӣ ва меъроси Дақиқӣ дар адабиётшиносии тоҷик.<br>**Мавзӯи 8. Ҳаёт ва фаъолияти Одамушшуаро Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Самарқандӣ.**<br>Тарҷумаи ҳоли Рӯдакӣ ва масъалаҳои баҳсноки он. Мероси адабии Рӯдакӣ ва жанрҳои он. Қасида ҳамчун рукни асосии эҷодиёти Рӯдакӣ. Мавзӯъҳои асосӣ ва мундариҷаи ғоявии осори шоир. Таҳлили ғоявӣ-бадеии қасидаҳои «Васфи Бухоро», «Шикоят аз пирӣ» ва «Модари маӣ». Афкори панду ахлоқии шоир. Аҳамияти мероси адабии Рӯдакӣ дар тарбияи инсони комил ва ташаккули адабиёти мумтози тоҷик. Мазмун ва мундариҷаи ашъори Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Самарқандӣ. Мероси адабии Рӯдакӣ ва жанрҳои он. Таҳлили ғоявӣ-бадеии қасидаҳои «Васфи Бухоро», «Шикоят аз пирӣ» ва «Модари май». Афкори панду ахлоқии шоир. Аҳамияти мероси адабии Рӯдакӣ дар тарбияи инсони комил ва ташаккули адабиёти мумтози точик.<br>**Мавзӯи 9. Тарҷимаи ҳол ва фаъолияти адабии Абулқосими Фирдавсӣ.**<br>Ҷараёни зиндагии А.Фирдавсӣ. Таълифи «Шоҳнома» ва тақдири он. Муносибати Фирдавсӣ бо Султон Маҳмуди Ғазнавӣ. Таъқиби Фирдавсӣ аз тарафи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ. Мазмун ва мундариҷаи достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ. Мазмун ва мундариҷаи ғоявии «Шоҳнома». Инъикоси мубориэаи некӣ ва бадӣ дар «Шоҳнома». Тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва Худшиносии миллӣ дар образҳои мусбии асар. Силсилаи достонҳои «Шоҳнома». «Достони заҳҳок». Достони «Рустам ва Сӯҳроб», «Достони Сиёвуш». Достони «Бежан ва Манижа». Аҳамияти «Шоҳнома». «Шоҳнома» ва замони мо.<br>**Мавзӯи 10. Адабиёти нимаи аввали асри XI.**<br>Ҳолати сиёсию ҷамъиятӣ ва маданию адабии давр. Таъсири сиёсати |

| | |
|---|---|
| | давлатии Султон Маҳмуд ба адабиёт. Устувории анъанаҳои адабиёти асри X. Мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии адабиёти ин давр. Хусусиятҳои асосии адабиёти дарборӣ. Қасида ҳамчун жанри асосии адабиёти дарборӣ. Мавқеи тағаззул дар қасидаҳои ин давр. Мавзӯъҳои ишқӣ ва тасвири табиат дар ташбиби қасида. Ҳолати қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва ғазал дар ин давр. Достонҳои лирикию эпикӣ ва эпикии таърихӣ. Сабку услуби назми дарборӣ.<br>Хусусиятҳои бадеӣ ва аҳамияти эстетикии назми давр.<br>**Мавзӯи 11. Намояндагони адабиёти нимаи аввали асри XI. Унсурии Балхӣ.**<br>Маълумоти маъхазҳои адабӣ доир ба Унсурӣ. Дараҷаи омӯзиш ва нашри осори шоир. Тарҷумаи ҳоли Унсурӣ. Мероси адабии шоир. Девони Унсурӣ ва достонҳои ӯ. Мавзӯъ, мазмуни ғоявӣ, хусусиятҳои бадеӣ ва сабку услуби осори Унсурӣ. Ҳаёт ва фаолияти Фаррухии Систонӣ. Мазмун ва мундариҷаи ашъори Манучеҳрии Домғонӣ. Ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Фаррухӣ. Қасоиди Фаррухӣ ва мазмуну мундариҷаи он. Қасидаи «бо корвони ҳулла» ва «Доғгоҳ»-и шоир. Фаррухӣ – шоири тағаззулӣ. Ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Манучеҳрӣ. Хусусиятҳои ғоявӣ-бадеии осори шоир. Саҳми Манучеҳрӣ дар икнишофи жанрҳои адабӣ. Мазмун ва мундариҷаи мусамматҳои Манучеҳрии Домғонӣ.<br>**Мавзӯи 12. Намояндагони барҷастаи адабиёти асрҳои XI-XII. Ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Муиззии Нишопурӣ**<br>Таъсири афкори исмоилия, сӯфия ва риндӣ ба адабиёт. Доираи мавзӯъ, мандаричаи ғоявӣ, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии адабиёти ин давр. Вакилони намоёни адабиёти нимаи дуюми асри XI ва асри XII: Анварии Абевардӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Усмон Мухтори Ғазнавӣ, Хоқонии Шервонӣ ва ғ.<br>Мавқеи Муиззӣ дар таърихи адабиёти тоҷик. Дараҷаи тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Мероси адабии Муиззӣ. Мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ ва Хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ.<br>**Мавзӯи 13. Зиндагӣ ва мероси адабии Масъуди Саъди Салмон. Адабиёти аҳди Қарохониён**<br>Ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Масъуди Саъди Салмон.Мавқеи Масъуди Саъд дар ҳаёти адабии давр. Дараҷаи тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Масъуди Саъд. Девонҳои ашъори шоир. Таркиби девони форсии ӯ. Мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеию услубии ашъори шоир. Ҳабсияҳои шоир. Масъуди Саъд - шоири нововар. Сӯзанӣ – вакили барҷастаи адабиёти аҳди қарохонӣ. Омӯзиши Сӯзанӣ дар адабиётшиносии тоҷик. Тарҷумаи ҳоли шоир. Қуллиёти Сӯзанӣ ва таркиби он. Мавзӯъ, мундариҷа ва забону услуби ашъори Сӯзанӣ. Маълумот дар бораи аҳвол ва осори Амъақи Бухороӣ. |

| | |
|---|---|
| | Рашидии Самарқандӣ, Алии Шатранҷӣ. Инкишофи наср дар асрҳои XI-XП ва навъҳои он. Насри адабӣ-бадеӣ ва намунаҳои он. «Қобуснома»-и Унсурмулмаолии Кайковус ва мундариҷаи он. Тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар асар. Аҳамияти маърифатӣ ва бадеии «Қобуснома». Забон ва услуби «Қобуснома». Заҳирии Самарқандӣ ва осори насрии ӯ. Адабиёти давраи истилои муғул.<br>**Мавзӯи 14. Ҳаёт ва эҷодиёти Ҳоқонии Шервонӣ.**<br>Интишори адабиёти форсизабон дар Озорбайҷон ва хусусиятҳои асосии он. Ҳоқонии Шервонӣ бузургтарин шоири ин ҳавзаи адабии Озорбайҷон. Тарҷумаи ҳоли Ҳоқонии Шервонӣ: валодат, таҳсили илм ва оғози фаъолияти адабӣ. Сафарҳои Ҳоқонӣ. Поёнии ҳаёти шоир.<br>Мероси адабии Ҳоқонӣ. Девони шоир ва таркиби он: қасоид, тарҷеъбанд, мусаммат, муқаттаот, рубоиёт ва ғазалиёт. Ҳабсиёти Ҳоқонӣ. Маснавии «Тӯҳфат-ул-ироқайн»-и шоир ва мазмуну мундариҷаи он. Тозагиҳо дар сабки ашъори Ҳоқонӣ.<br>**Мавзӯи 15. Тарҷимаи ҳол ва мероси адабии Низомӣ.**<br>Ҳавзаи адабии Озарбойҷон ва намояндагони он. Низомии Ганҷавӣ ва дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти ӯ. Тарҷумаи ҳоли шоир. Маснавиёти «Хамса»-и Низомӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо. Камолоти достонҳои ишқӣ – романтикӣ дар эҷодиёти Низомӣ. “Хамса”-и Низомӣ ва мундариҷаи он. Ба вуҷуд омадани анъанаи «Хамсанависӣ» ба адабиёти мумтози тоҷику форс. Таркиби “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ. Мазмун ва мавзӯъҳои “Хамса”. Истифодаи сюжетҳои халқӣ ва таърихӣ дар маснавӣ ва достонҳои “Хамса”. Мавзӯи ишқ дар достонҳои “Хамса”<br>**КРЕДИТИ 2**<br>**Мавзӯи 16. Ҳаёт ва эҷодиёти Носири Хисрав.**<br>Таълимоти исмолия ва нуктаҳои асосии он. Носири Хисрав пайрави ойини исмоилӣ. Тарҷумаи ҳоли Носири Хисрав: валодат, зодгоҳ, таҳсилот. Сафарҳои Носири Хисрав ва ойини исмоилияро қабул кардани ӯ. Ба таъқиботи рӯҳониён дучор шудани Носири Хисрав. Солҳои охири ҳаёт.Мероси адабии Носири Хисрав: «Сафарнома», «Рӯшноинома», «Саодатнома» ва девони ашъори ӯ. Осори илмӣ- фалсафии ӯ: «Хони Ихвон», «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Ҷомеъ-ул- ҳикматайн». Бо осори адабиаш шӯхрат ёфтани Носири Хисрав. Мавзӯъ, мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеию услубии осори Носири Хисрав.<br>**Мавзӯи 17. Тарҷимаи ҳол ва фаъолияти адабии Умари Хайём.**<br>Зуҳури ҷараёнҳои фикрии риндӣ, исмоилия ва сӯфия ва таъсири онҳо ба адабиёт. Умари Хайём яке аз пайравони ойини риндӣ. Маълумоти сарчашмаҳо |

| | |
|---|---|
| | дар бораи ҳаёту фаъолияти Хайём. Дараҷаи тадқиқи ҳаёту эҷодиёти шоир. Тарҷумаи ҳоли Умари Хайём: валодат, таҳсили илм ва камолот. Фаъолияти илмии Хайём дар он. Поёни ҳаёти шоир.<br>Хайём -шоири рубоисаро. Мавзӯъ ва мундариҷи ғоявии рубоиёти ӯ. Баҳсҳо оид ба шумораи рубоиёти Хайём . Андешаҳои риндона дар рубоиёти Хайём . Хусусиятҳои услубӣ ва арзиши бадеии рубоиёти Хайём<br>**Мавзӯи 18. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмию адабии Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон дар давраи истилои муғул. Ҳаёти адабӣ, фарҳангӣ ва илмӣ дар асрҳои XIII - XIV**<br>Ҳуҷуми муғулҳо ба Мовароуннаҳр (1220) ва куштору XVнрезиҳои онҳо. Хароб шудани шаҳрҳо, нобуд шудани осори фарҳангӣ, илмӣ ва адабӣ. Сукути қувваҳои истеҳсолӣ ва эҷодӣ, хомҳш гардидани чароғи илму адабиёт. Сукути адабиёти дарбор ва қасидасароӣ. Ривоҷи адабиёт дар муҳити шаҳр ва мазмунану шаклан ғанӣ гардидани он. Мақоми асосӣ пайдо кардани жанри ғазал. Ривоҷи маснавиҳои ахлоқӣ. Болоравии таъсири тасаввуф. Берун аз Мовароуннаҳру Хуросон дар шаҳрҳои ҷудогонаи Эрон, Туркияи шарқӣ ва шимоли Ҳиндустон ташкил ёфтани муҳити илмӣ ва адабӣ. Равнақи илмҳои ақлӣ-фалсафа, табиатшиносӣ ва риёзӣ. Бунёди расадхонаи Мароға ва муҳити илмии он. Ҳаёти адабӣ, инқирози адабиёти дарбор ва қасидасароӣ. Ривоҷи адабиёт берун аз дарбор. Мазмунан ва шаклан ғанӣ гардидани адабиёт дар муҳити берун аз дарбор. Ривоҷи таърихнигорӣ. Китобҳои бузурги таърихии «Таърихи чаҳонкушо»-и Ҷувайнӣ, «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидиддин ва «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ.<br>**Мавзӯи 19. Зиндагӣ ва мероси адабии Саъдии Шерозӣ.**<br>Ҷараёни зиндаги Саъдӣ. Сафарҳои ӯ. Бозгашт ба ватан ва болоравии шӯҳрати Саъдӣ. Давраи хонақоҳнишинии ӯ. Қуллиёти асарҳои Саъдӣ ва таркиби он. Ғановат ва рангорангии жанрӣ ва шаклҳои шеърии осори ӯ. Лирикаи Саъдӣ. «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ. «Бӯстон» чун маснавии ахлоқӣ. Сохт ва бобҳо, мавзӯъҳои ахлоқии асар. Баррасии мазмуни боби аввали «Бӯстон» - «Дар адлу тадбири рой». Ақидаҳои инсонпарваронаи шоир дар ин боб. Аз рӯи манфиатҳои халқ ҳукмрони золимро танқид кардани ӯ. Силсилаи образҳои подшоҳони одил ва золим дар ҳикоятҳои боб. «Гулистон» чун асари нав дар таърихи адабиёти форсу тоҷик. Сохт, бобҳо ва мундариҷаи асар. Умумият ва фарқҳои «Гулистон» ва «Бӯстон». Мазмуни бобҳои «Дар сирати подшоҳон» ва «Дар ахлоқи дарвешон». Образҳои ҳукмдорони одил ва золим, дарвешони ҷавонмард дар ҳикоятҳои ин ду боб.<br>**Мавзӯи 20. Зиндагӣ ва фаолияти адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ.**<br>Ҳаёт ва фаолияти Амир Хусрави Деҳлавӣ. Омӯзиши Амир Хусрави |

Деҳлавӣ дар адабиётшиносии тоҷик. Меъроси адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ. Мазмун ва мундариҷаи мероси адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ. Амир Хусрав шоири ғазалсаро. Анъанаи хамсанависӣ дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ. Идомаи анъанаи хамсасароӣ дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ. Мазмун ва мундариҷаи маснавиҳои “Хамса”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ. Мазмуни ғоявӣ ва мӯҳтавиёти достонҳои Амир Хусрав Деҳлавӣ. Мавзӯъҳои “Хамса”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ. Образи зан дар “Хамса”. Инъикоси воқеияти таърихӣ дар достонҳои “Хамса”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ.

**Мавзӯи 21. Хоҷуи Кирмонӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ.**

Зиндагӣ ва мероси адабии Хоҷуи Кирмонӣ. Марҳилаҳои ҳаёти шоир. Эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ. Хоҷу шоири намоёни давр. Маснавиҳои Хоҷу. Девони Хоҷуи Кирмонӣ ва мазмуну мундариҷаи он. Жанри қасида дар эҷодиёти Хоҷуи Кирмонӣ. Инкишофи жанри ғазал дар эҷодиёти шоир. Пайравии шоир ба Саноӣ, Аттор, Мавлавии Румӣ ва Саъдӣ. Маҳорати волои шоир дар ғазалсароӣ. Пайравии Ҳофиз ба тарзи ғазалсароии Хоҷу.

Ҳаёт ва фаолияти Ҳасани Деҳлавӣ. Омӯзиши Ҳасани Деҳлавӣ дар адабиёти тоҷик ва ҷаҳон. Меъроси адабии Ҳасани Деҳлавӣ. Инкишофи жанри ғазал дар эҷодиёти ўасани Деҳлавӣ. Пайравии Ҳасани Деҳлавӣ ба анъанаи ғазалсароии Саъдии Шерозӣ. Мазмун, мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Ҳасани Деҳлавӣ. Достони “Ишқнома” ва “Фавоид ул-фуод”-и Ҳасани Деҳлавӣ.

**Мавзӯи 22. Ҳаёт ва эҷодиёти Убайди Зоконӣ.**

Ҷараёни зиндагии Убайди Зоконӣ. Убайд дар Бағдод ва Шероз. Рӯзгори бенавоёнаи ӯ дар айёми пирӣ. Қуллиёти осори Убайд ва таркиби он. Мақоми баланди Убайд дар таърихи ҳаҷвнигории форсӣ-тоҷикӣ. Хусусиятҳои ичтимоӣ, типӣ ва халқии ҳаҷвиёти ӯ. Убайд – ҳаҷвнависи нававар. Рангорангии услубии ҳаҷвиёти ӯ. Рисолаи «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ. Услуби илмӣ-мунозиравии ин асар. Ба воситаи муқобилгузории ахлоқи разилаи ҳамзамонон («Мазҳаби мухтор») ба ахлоқи ҳамидаи гузаштагон («Мазҳаби мансух») фош карда шудани фасодии ахлоқи табақаи ашрофи замон. Баррасии масъалаҳои ахлоқии бобҳои асар ва ҳаҷви беамони табақаи ашроф дар ин масъалаҳо. Рисолаҳои дигари Убайд.

**Мавзӯи 23. Зиндагинома ва девони Ҳофизи Шерозӣ.**

Давраи чавонии шоир. Таҳсил дар мактаб ва мадраса. Паҳн шудани овозаи шоирии Ҳофиз ва ба дарбори Худ даъват кардани ҳокимони кишварҳои гуногун, вале ватани Худро тарк накардани шоир. Девони ғазалиёти Ҳофиз ва шӯҳрати оламгири он. Ҳофиз - шоири ҷаҳонбин. Мавзӯъ ва мӯҳтавиёти ғазалҳои Ҳофиз. Инқилоби Ҳофиз дар жанри ғазал, аз як мавзӯъ (ишқ) ба мавзӯъҳои бисёр гузашта, мазмунан бой гардидани ғазал. Ғазалҳои Ҳофиз чун

| | |
|---|---|
| | ҷавобгӯи мазмунҳои дарду доғ ва орзуву армонҳои инсон. Мазмунҳои ҳаётии онҳо. Ғояи гуманистии ғанимат шумурдани умр ва XVш гузаронии зиндагӣ дар ғазалҳои Ҳофиз. Ба шакли риндию майпарастӣ ифода гардидани ғояи ҳаётдӯстии ғазалҳои шоир.<br>**Мавзӯи 24. Камоли Хӯҷандӣ ва девони ғазалиёти ӯ.**<br>Омӯзиши Камол дар адабиёти тоҷик. Давраи зиндагии Камол дар Мовароуннаҳр. Ҳиҷрати шоир ба Эрон (Табрез) ва шӯҳрат ёфтани ӯ. Камол дар Сароӣ – пойтахти давлати Олтин Ӯрда. Бозгашти шоир ба Табрез ва поёни умри ӯ. Девони ғазалиёти Камол ва шӯҳрати он. Нашрҳои девони Камол. Камол чун шоири лирики ғазалсаро. Мавзӯъ ва мӯҳтавиёти ғазалҳои Камоли Хӯҷандӣ. Ишқ чун мавзӯи асосии ғазалиёти Камол. Ба восита ва дар пардаи ишқ ифода ёфтани мазмунҳои ғайриишқии озодфикрона дар ғазалиёти ӯ. Самимияти эҳсосоти ошиқона ва садоқати бепоёни ӯ нисбат ба маҳбуба.<br>**КРЕДИТИ 2**<br>**Мавзӯи 25. Ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ, адабӣ дар асри XV. Ҳодисаи зуллисонайнӣ дар адабиёт.**<br>Зуҳури Амир Темур ва парокандагии сиёсии Мовароуннаҳрро хотима дода, давлати бузурги муттамарказро ба вуҷуд овардани ӯ. Оромӣ ва тараққии ҳарҷонибаи Мовароуннаҳр дар аҳди Улуғбек ва Хуросон дар аҳди Шоҳрух. Вазорати Алишер Навоӣ ва ислоҳоти ӯ дар умури давлатӣ. Шароити мусоид ба вуҷуд овардани давлати мутамаркази темурӣ барои ривоҷи фарҳанг, илм ва адабиёт. Самарқанд ва Ҳирот чун марказҳои бузурги фарҳангию илмӣ ва адабии Мовароуннаҳр ва Хуросон. Нақши Улуғбек дар Ривоҷи илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ. Ривоҷи бесобиқаи анвои санъатҳо: хаттотӣ, рассомӣ, мусиқӣ ва ғайра. Камолиддин Беҳзод – асосгузори мактаби бузурги санъати наққошӣ. Намояндагони барҷастаи адабиёти давр. Зуллисонайнӣ дар адабиёт. Дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии Ҷомӣ ва Навоӣ. Ривоҷи назира ва татаббӯъот. Ривоҷи насри бадеӣ ва барҷастатарин намунаҳои он. Ривоҷи адабиётшиносӣ. Тазкираҳои Навоӣ ва Давлатшоҳ. Ривочи назирасароӣ дар адабиёт. Достонсароӣ ба тариқи назира ба “Хамса”-ҳои Низомӣ ва Амир Хусрав. Шӯҳрати Ҷомӣ ва Навоӣ дар жанри достон. Ривоҷи жанри муаммо. Ривоҷи пайравӣ ва татаббӯъ ба ғазалҳои Ҳофиз. Инкишофи наср. Асарҳои мансури бадеӣ- ахлоқӣ: “Баҳористон”-и Ҷомӣ, “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, “Ҳусну Дил” ва “Шабистони хаёл”-и Фаттоҳии Нишопурӣ. Дар риштаҳои назария, санъати шеър ва таърихи адабиёт тараққӣ кардани адабиётшиносӣ.<br>**Мавзӯи 26. Ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ.**<br>Омӯзиши Ҷомӣ дар адабиётшиносии тоҷик. Ҷараёни зиндагии Ҷомӣ. |

| | |
|---|---|
| | Давраи таҳсили ӯ. Аз таҳсили илмҳои дунявӣ ва динӣ ба таҳсили илмҳои ботинии тасаввуф гузаштани ӯ. Сафарҳои ӯ ба Самарқанд барои таҳсил ва дидор бо Хоҷа Аҳрор. Ҷомӣ чун арбоби тариқати нақшбандӣ. Ба эҳтиром ва ғамхории арбоби давлатӣ ва аҳли илму адаб иҳота гардидани Ҷомӣ. Куллиёти Ҷомӣ ва асарҳои таркиби он. Маснавӣ ва достонҳои таркиби «Ҳафт авранг» ва нақши таълимоти тасаввуф дар онҳо.<br>**Мавзӯи 27. Достон ва маснавиҳои «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ.**<br>«Саломон ва Абсол» чун достони ишқии рамзӣ – тасаввуфӣ. «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ – барҷастатарин достони ишқӣ. Таҳлили образҳои марказии достон. Мазмуни мухтасар ва хусусиятҳои достони «Лайлӣ ва Маҷнун». Достони «Хирадномаи Искандарӣ» - қуллаи эҷодиёти Ҷомӣ. Ба баёни андешаҳо – оид ба ҳикмату хирад ва адлу дод бахшида шудани ин достон. Ба пояи баланд расидани орзуи шоирон ва мутафаккирони гузашта доир ба подшоҳи одили бомаърифат дар «Хираднома»-и Ҷомӣ.<br>**Мавзӯи 28. Намояндагони барҷастаи адабиёти асри XV: Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Хоҷа Исмати Бухорой ва Давлатшоҳи Самарқандӣ.**<br>Ҳаёти Ҳусайн Воиз. Осори адабӣ, илмӣ, ахлоқӣ, тасаввуфии ӯ. Ҳусайн Воиз–адиби мутабаҳҳир ва ба риштаҳои гуногуни илму адаб ва ҳунар тааллуқ доштани осори ӯ. Маълумот дар бораи муҳимтарин асарҳои адабии ӯ- “Анвори Суҳайлӣ” (“Калила ва Димна”), “Ахлоқи Мӯҳсинӣ” ва “Футувватномаи Султонӣ”. Роҳи зиндагӣ ва эҷодии Хоҷа Исмат. Фаъолияти Хоҷа Исмат ҳамчун маликушшуарои дарбори Халил Султон-ҳукмдори темурии Самарқанд. Баъди аз салтанат барканор шудани Халил Султон ба тариқат рӯй оварда, ба зодгоҳаш Бухоро баргашта, то охири умр чун шоири мутасаввиф эҷод кардани ӯ. Девони ашъори ҳаҷман бузург ва достони “Иброҳими Адҳам”-и Хоҷа Исмат. Ғановати мазмуни ашъори девони ӯ. Оҳангҳои озодфикрии сӯфиёна ва риндӣ дар ғазалҳои Хоҷа Исмат. Ҳаёти Давлатшоҳ ва фаъолияти ӯ дар маркази адабии Ҳирот. “Тазкиратуш-шуаро”-и Давлатшоҳ. Сохт ва таркиби он. Аҳамияти тазкираи Давлатшоҳ чун манбаи адабӣ.<br>**КРЕДИТИ 3**<br>**Мавзӯи 29. Вазъи сиёсӣ ва адабии Мовароуннаҳр дар асрҳои XVI-X ӯ. Ҳаёти адабӣ дар асри XVI**<br>Барқарор гардидани ҳокимияти Шайбониён ва Аштархониён дар Мовароуннаҳр. Аҳди хонии Абдуллохон ва Имомқулихон – давраи ором ва тараққиёти Мовароуннаҳр. Болоравии низову кашмакашҳои дохилии хонадонҳои ҳукмрон. Таназзули тадриҷии ҳамаҷонибаи кишвар. Бад шудани аҳволи зиндагии мардум. Ба роҳи тараққиёти мустақил даромадани адабиёти тоҷик. Бад шудани аҳволи зиндагии аҳли адаб ва қувват гирифтани оҳангҳои |

| | |
|---|---|
| | шикояту эътироз дар адабиёт. Вакилони барҷастаи адабиёти ин аҳд. Сарчашмаҳои адабиёти асри мазкур дар Ҳирот, баъзе манотиқи Хуросон, Мовароуннаҳр-шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва водии Фарғона арзи андом кардани адабиёти тоҷик. Хусусиятҳои ба худ хос ва аз ҳамдигар фарққунандаи марказҳои адабиёти тоҷик (Ҳирот, Самарқанд, Бухоро). Истифодаи жанрҳои маъмулии назму наср. Тамоилҳо. Муносибат ба адабиёти давраҳои пешина ва саромадони сухан.<br>**Мавзӯи 30. Аҳвол ва осори Ҳилолӣ.**<br>Ҳилолӣ аз назари сарчашмаҳо. Муносибати муаллими фан ба маълумоти сарчашмаҳо. Сатҳи омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир. Хидмати Камол Айнӣ дар тадқиқи аҳвол ва асори Ҳилолӣ ва чопи ашъори ӯ. Дар рисолаи К.Айнӣ мувофиқи табъ баррасӣ нагардидани ғазалиёти шоир. Пояҳои рӯзгори шоир Ҳилолӣ ва муҳити адабии Ҳирот. Ҳилолӣ ва Навоӣ. Шаҳодати шоир. Тавсифи осор. Ҳилолӣ-шоири шӯҳратёри лирик. Хидмати шоир дар такомули ғазали ошиқона. Нози маъшуқа ниёзи ошиқ. Маснавиҳои «Шоҳу Гадо», «Сифот ул-ошиқин» ва «Лайли ва Маҷнун». Ҳилолӣ ва замони он.<br>**Мавзӯи 31. Восифӣ: мухтасари пояҳои рӯзгор. «Бадоеъ ал-вақоеъ»-и Восифӣ ва мазмуну мундариҷаи он.**<br>Аҳамияти «Бадоеъ ал-вақоеъ» дар омӯзиши таърихи фарҳанг ва ҳунар. Хидмати А.Н.Болдырев перомуни дастрас намудани дастхати «Бадоеъ ал-вақоеъ» дар Самарқанди қабл аз ҷанги дуюми ҷаҳон. Аҳамияти монографияи ҳамин олим дар омӯзиши Восифӣ. Табъу нашри ёддоштҳои Восифӣ дар Москва (1961) ва Теҳрон (1972). Хидмати таърихии Айнӣ бобати ба аҳли илму адаб шиносонидани симо ва осори Восифӣ. Сохти «Бадоеъ ал-вақоеъ», аҳамияти гуфторҳои Восифӣ барои шинохти ҳаёти маданию адабии охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI Хуросону Эрону Мовароуаннаҳр. Ғазалиёт ва қасидаҳои ҷавобияи Восифӣ. Восифӣ ва рӯзгори мо<br>**Мавзӯи 32. Абдураҳмон Мушфиқӣ ва хусусияти осораш**.<br>Мушфиқӣ аз назари сарчашмаҳо. Пояҳои рӯзгори шоир. Мушфиқӣ дар Самарқанд. Сафари Мушфиқӣ ба Ҳинд ва таассуроти чунин мусофират. Тавсифи осор. Доираи мавзӯъ. Тавсифи образҳо. Муносибати Мушфиқӣ ба суннатҳои адабӣ. Навпардозиҳо дар ғазалиёт. Сабки шеъри Мушфиқӣ. Мушфиқӣ ва эҷодиёти даҳонии халқ.<br>**Мавзӯи 33. Сайидо – бузургтарин шоири асри XVII**.<br>Сарчашмаҳои омӯзиши адабиёти ин давр. Ваъзи шаклҳои шеърӣ. Сатҳи инъикоси рӯзгори мардуми аҳди аштархонӣ дар осори шуарои замон. Тамоюлҳои адабӣ. Робитаи муҳити адабии Бухорову Самарқанд бо Эрону Ҳиндустон. Вакилони барҷастаи адабиёти ҳамин аср: Сайидо, Фитрат, Мулҳам, |

| | |
|---|---|
| | Шавкат, Нозими Ҳиротӣ. Сайидо – бузургтарин шоири асри XVII. Сатҳи омӯзиши аҳвол ва осори Сайидо. Тавсифи анвои назм. Доираи мавзӯи таълифоти шоир. Сайидо-вакили барҷастаи адабиёти доираи XVнармандӣ. Муносибати шоир ба тарзи идораи аштархониҳо. Инъикоси рӯзгори муташанниҷи мардум ва вазъи харобиовари Мовароуннаҳр дар ғазалиёти ва маснавии Сайидо. Сайидо ва шавқу ҳаваси<br>**Мавзӯи 34. Бедил ва хусусияти осораш**.<br>Адабиёти форсизабони ҳавзаи Ҳинд дар асри XVII. Тавсифи мухтасари ҳаёти адабӣ дар аҳди Аврангзеб ва ворисонаш. Тадқиқи аҳвол ва осори Бедил. Пояҳои рӯзгори шоир. Ҳамчун Бедили Деҳлавӣ машҳур ва манзур шудани ӯ дар Эрон. Тавсифи Куллиёти шоир (интишороти матбааи Сафдарии Бомбай, матбааи Франклини Кобул, интишороти Теҳрон). Бедил шоири лирик ва эпик. Маснавии «Ирфон» ва дигар маснавиҳо. Насри Бедил: «Чаҳор унсур», «Руқаот», «Нукот». Бедил – вакили барҷастаи сабки ҳиндӣ. Бедил ва замони мо (гиромидошти шоир дар Ӯзбекистон, Афғонистон ва Эрон). Маҳфилҳои Бедилшиносӣ. Пайравӣ ва мухлисони Бедил дар Осиёи Марказӣ (адабиёти тоҷик, ӯзбек, туркман). Хулосаи дарс ва фанни таърихи адабиёти асрҳои XVI-XVII.<br>**Мавзӯи 35. Тарҷумаи ҳол ва мероси адабии Зебуннисо**<br>Тарҷумаи ҳоли Зебуннисо. Зебуннисо духтари шоҳ Аврангзеб. Мазмун, мундариҷа ва мӯҳтавои ашъори шоира. Маҳорати шоира дар офариниши образҳои бадеӣ. Омӯзиши мероси адабии Зебуннисо дар адабиётшиносии тоҷик. Афсурдагии ботинӣ дар ашъори шоира.<br>**Мавзӯи 36. Тарҷумаи ҳоли Мирзо Содиқи Муншӣ.**<br>Маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Мирзо Содиқ ва дараҷаи тадқиқи ҳаёту эҷодиёти ӯ. Валодат ва таҳсил. Ба дарбор кашида шудани шоир ва ба вазифаи дарбордориву муншиӣ таъйин шудани ӯ. Фаъолияти мадеҳасароии шоир. Аз дасисаҳои дарборӣ ба танг омадани шоир ва эътирози шикваҳои ӯ аз ҳаёти дарборӣ. Поёни умри шоир ва ба Дарвоз бадарға шудани ӯ. Вафоти шоир дар (соли 1819) дар шаҳри Қаршӣ. Эҷодиёти Мирзо Содиқи Муншӣ ва мазмуну мундариҷаи он. Мероси адабии Мирзо Содиқ. Ашъори лирикии шоир ва доираи мавзӯоти он. Идомаи анъанаҳои назми мумтоз дар лирикаи Мирзо Содиқ. Ашъори мадеҳавӣ, васфи табиат дар шеърҳои шоир. Оҳангҳои шикоятӣ ва норизоӣ аз муҳит дар ашъори шоир. Хусусиятҳои услубию бадеии ашъори Мирзо Содиқ. Маснавӣ ва мавқеи он дар эҷодиёти Мирзо Содиқ. Инъикоси воқеияти замон дар маснавиёти шоир. Таҷассуми харобии мамлакат, нодорию бенавоии мардум, танқиди зулму залолат дар маснавиёти Мирзо Содиқ. Таъсири вай ба инкишофи минбаъдаи адабиёти тоҷик. |

| | |
|---|---|
| | **Мавзӯи 37. Тарҷумаи ҳоли Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ.**<br>Маълумоти маъхазҳо, дараҷаи тадқиқи ҳаёту эҷодиёти ўозиқ. Валодат ва таҳсилоти шоир. Робита пайдо кардани Ҳозиқ бо дарбор. Зиндагии шоир дар дарбори подшоҳони манғит. Сафарҳои Ҳозиқ ба Қӯқанд ва Хоразм. Бозгашти шоир ба Бухоро ва фирор ба Шаҳрисабз. Поёни фоҷиаангези зиндагии Ҳозиқ. Девони ашъори Ҳозиқ ва таркиби он. Мавзӯъҳои асосии лирикаи шоир. Шикояти иҷтимоӣ дар ашъори лирикӣ. услуби шеърсароии Ҳозиқ. Маснавиёти Ҳозиқ. Достони «Юсуфу Зулайҳо» ва мавқеи он дар эҷодиёти шоир. Образҳои асосии достон ва мушаххасоти онҳо.<br>**Мавзӯи 38. Вазъи сиёсӣ-иқтисодӣ ва маданӣ-адабӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX.**<br>Забт гардидани Осиёи Марказӣ аз чониби Россияи подшоҳӣ ва оқибатҳои он. Дигаргуниҳои сиёсӣ - иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмӣ -мадании Туркистон ва аморати Бухоро. Сиёсати мустамликадории Россияи подшоҳӣ ва афзоиши зулму бедодӣ дар осиёи марказӣ дар ин давра. Толону торочшавии боигариҳои кишвар ва поймолгардии ҳуқуқҳои инсонии мардуми маҳаллӣ. Таъсири воқеаҳои сиёсию чамиятӣ ба ҳаёти мадании Осиёи Марказӣ ва ба манфиатҳои ҳукуматдорони рус нигаронида шудани он. Баҳробардории зиёиёни пешқадами мардуми маҳаллӣ аз навгониҳои илму фанни аврупоӣ. Ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ ва таъсири он ба ҳаёти адабӣ. Ба майдон омадани адабиёти маорифпарварӣ ва вакилони он. Сафарҳо ба Аврупо ва мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ ва таъсири он ба чаҳонбинии мардони хирад. Ташаккули адабиёти маорифпарварӣ ва хусусиятҳои он. Вакилони адабиёти маорифпарварӣ. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ ва адабӣ. Ғоя ва маслаки асосии вакилони адабиёти маорифпарварӣ. Ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ ва ифодаёбии он дар ҳаракати ҷадидия. Ҳаракати ҷадидия ва моҳияти асосии он. Омилҳои асосии пайдоиши ҳаракати ҷадидия дар кишвари Туркистон. Болоравии фикрии озодиандешӣ дар Эрону Туркия ва таъсири вай ба бедории фикрии зиёиёни маҳаллӣ. Матбуоти ҷадидия. «Бухорои шариф» - аввалин рӯзномаи сирф тоҷикӣ. Рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина» - тарғибгари ғояҳои асосии ҳаракати ҷадидия. Таҷаддудхоҳӣ ҳамчун ҳаракати иҷтимоӣ ва адабӣ. Ҳаёти адабӣ дар ибтидои асри XX. Таъсири воқеияти сиёсӣ – иҷтимоӣ ба болоравии ҳаёти маданӣ ва адабиёти бадеӣ. Қаламрави адабиёти тоҷик дар ибтидои асри XX. Самарқанд ҳамчун маркази адабӣ. Хусусиятҳои хоси доираҳои адабии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва Бадахшон. Равияҳои адабии давр. Адабиёти ҷадида ва хусусиятҳои асосии он. Ташаккули адабиёти ҷадида ва омилҳои асосии он. Мавзӯъҳои асосии адабиёти ҷадид. Танқиди иллатҳои ҷамъиятӣ ва тарғиби илму маърифати замонавӣ ҳамчун мавӯи асосии |

| | |
|---|---|
| | адабиёти ҷадидӣ. Ғояи маърифатнокшавӣ ва барқарор намудани мавқеи миллати мусулмон дар миқёси дунё асоси мундариҷаи ғоявии адабиёти ҷадидӣ. Тарғиби ғояи истиқлолияти миллӣ дар адабиёти ҷадидӣ. Хусусиятҳои жанрии адабиёти ҷадида.<br>**Мавзӯи 39. Осор ва аҳволи Аҳмади Дониш.**<br>Дараҷаи омӯхта шудани эҷодиёти Аҳмади Дониш. Тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш. Сафарҳои Дониш ба Петербург ва таъсири онҳо ба инкишофи чаҳонбинии ӯ. Мероси адабӣ ва илмии Аҳмади Дониш: “Меъёр – ут -тадоюн”, «Манозир-ул кавокиб», «Рисола-фи-аъмол-ил-кура», «Рисолаи таърихӣ», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» ва хусусиятҳои онҳо. Назми Аҳмади Дониш. Инъикоси ақидаҳои маорифпарварии Дониш дар «Наводир-ул вақоеъ». Сохт ва таркиби «Наводир-ул-вақоеъ». Арзиши илмӣ, таърихӣ ва бадеии ин асар.<br>**Мавзӯи 40. Зиндагиномаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ.**<br>Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти адабии Возеҳ. Сафари Возеҳ ба Ҳичоз ва таъсири он ба чаҳонбинии ӯ. Мероси адабӣ-илмии Возеҳ. Тазкираи «Тӯҳфат-ул - аҳбоб» ва аҳамияти адабӣ – таърихии он. «Кони лаззат ва хони неъмат» ва «Ақоид-ун нисо»: хусусиятҳои ғоявӣ, бадеӣ, услубии ин асарҳо. «Савонеҳ-ул-масолик» ва инъикоси ақидаҳои маорифпарварӣ дар он. Лирикаи Возеҳ ва хусусиятҳои ғоявию жанрии онҳо. Мавзӯи шикояти иҷтимоӣ дар лирикаи Возеҳ.<br>**Мавзӯи 41. Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Савдо.**<br>Лирикаи Савдо ва хусусиятҳои ғоявӣ – бадеии он. Ҳаҷвия ва мутоиботи шоир. Ҳаҷвиёти Савдо. Ашъори атъимавии шоир. Лирикаи ичтимоии Савдо. Мақоми ин шоир дар адабиёти маорифпарварии тоҷик. «Музҳикот»- и Савдо ва хусусиятҳои ғоявию бадеии он.<br>**Мавзӯи 42. Ҳаёт ва мероси адабии Шамсиддин Шоҳин.**<br>Ашъори лирикии Шоҳин ва мавзӯю мазмуни ғоявии онҳо. Идомаи анъанаи достонсарой дар эҷодиёти Шоҳин ва «Лайли ва Мачнун» - и ӯ. «Тӯҳфаи дӯстон» - маснавии ахлоқӣ - иҷтимоӣ. «Бадоеъ – ус - саноеъ» - асари шаклан нави мансур. Воситаҳои тасвири бадеӣ ва мавқеи онҳо дар осори шамсиддин Шоҳин. Маҳорати поэтикии Шамсиддин Шоҳин.<br>**Мавзӯи 43. Мирзо Сироҷи Ҳаким.**<br>Тарчимаи ҳоли Мирзо Сироҷ ва фаъолияти адабии ӯ. Тадқиқи аҳвол ва осори адиб дар илми адабиётшиносии тоҷик. «Туҳафи аҳли Бухоро» ҳамчун асари сафарномавӣ. Инъикоси фикрҳои пешқадам ва ақидаҳои маорифпарварию тараққихоҳӣ дар асар. Сабк ва услуби асар. Осори манзуми Мирзо Сироҷ ва арзишҳои он. Мирзо Сироҷ шоири навпардоз. Ақидаҳои |

танқидии Мирзо Сироҷ дар бобати шеъру шоирӣ. Аҳамияти эҷодиёти Мирзо Сироҷ дар ташаккули афкори нави ҷамъиятӣ.

**Мавзӯи 44. Садри Зиё ва аҳамияти таърихии навиштаҳои ӯ.**

